**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13, тел: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; E-mail: info@mmk.tj

№ 50/2с

аз «28» 03 соли 2023

Бонки миллии Тоҷикистон

Хулоса оид ба лоиҳаи Талабот оид ба таҳияи нақшаи барқарорсозии фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба он

Маркази миллии қонунгузорӣ ҳамчун мақоми ваколатдор лоиҳаи зикршуда ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба онро, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

Бо дарназардошти банди 19 Дастурамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2018, №355 тасдиқ шудааст ва таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳа аз ҷониби Маркази миллии қонунгузорӣ хулосаи зеринро пешниҳод менамояд.

1. Тартиби гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ аз ҷониби таҳиякунанда – Бонки миллии Тоҷикистон риоя гардидааст, вале дар таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳа тавсифи мушкилоте, ки барои ҳал намудани он қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст, ба таври мушаххас муайян нагардидааст.

2. Дар бандҳои 2, 3, 9, 11, 14, 17, 22, 23, 39, 46, 52 ва 54 лоиҳа уҳдадориҳо барои ташкилотҳои қарзии молиявӣ, низомсоз ва Шурои нозирони онҳо оид ба дар шакли оддӣ ва фаҳмо таҳия намудани нақшаи

барқарорсозии фаъолият, муайян намудани захираҳоеро, ки барои барқарорсозии вазифаҳои калидӣ ва хизматрасонии асосӣ, риоя намудани талаботи таҳияи барномаи мониторинг, сенарияҳои стрессӣ ва стратегияҳои барқарорсозии фаъолият, сари вакт таъин намудани шахсони масъул барои иҷрои нақшаи барқарорсозии фаъолият ва дар қисми алоҳидаи сомонаи ташкилоти қарзии молиявӣ нашр намудани тавсифи мухтасари нақшаи барқарорсозии фаъолият, вуҷуд доранд. Ҳамзамон, бо мақсади мушаххас муайян намудани уҳдадории ташкилотҳои қарзии низомсоз, дар банди 3 лоиҳа пас аз калимаҳои "нақшаҳои" калимаҳои "барқарорсозии фаъолияти" илова карда шаванд. Инчунин, дар бандҳои 9 ва 52 лоиҳа муқаррарот вобаста ба мӯҳлатҳои пешниҳод кардани ҳуҷҷат таҷдиди назар карда шаванд.

3. Дар лоиҳа маҳдудиятҳо барои ташкилотҳои қарзии молиявӣ пешбинӣ нагардидааст.

4. Дар лоиҳа барои ташкилотҳои қарзии молиявӣ, низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон масрафҳои беасос мушоҳида намегардад.

5. Лоиҳаи мазкур барои таҳия ва пешниҳоди нақшаи барқарорсозии фаъолияти такшилотҳои қарзии молиявӣ, мусоидат менамояд.

6. Иловатан пешниҳод мегардад:

1) Хатогиҳои грамматикӣ дар матни забони русии лоиҳа, аз ҷумла дар муқаддима, бандҳои 1, 18 ва 53 лоиҳа бартараф карда шаванд.

2) Матни забони тоҷикии лоиҳа ба матни русии он мутобиқ карда шавад.

Директор | Саидзода И.Ҳ.